# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Эраҷи Шерали дар мавзуи «Синтез ва таҳқиқи хосиятҳои гидрогелҳои кислотаи акрилат ва акриламид бо баъзе металлҳои интиқолӣ» аз рӯйи ихтисоси 1.4.7. Химияи пайвастаҳои фаромолекулӣ пешниҳод гардидааст.

Дар автореферати кори диссертатсионӣ дар асоси таҳқиқоти васеъи химиявӣ, физикӣ-химиявӣ, як қатор масъалаҳои асосии илмӣ дар химияи пайвастаҳои фаромолекулӣ, ки аҳаммияти амалӣ доранд, мавриди омӯзиш қарор дода шуда, ҳалли худро ёфтанд. Аз тарафи муаллиф шароит ва коркарди методикаи ҷудокунии гидрогелҳо муқаррар карда шуда, бо методҳои спектри инфрасурх, спектри массавӣ ва таҳлили элементӣ сохт ва таркиби онҳо муайян карда шуданд.

Коркардҳои илмӣ, ки аз рӯйи натиҷаҳои корҳо аз чоп баромадаанд, дар таҳияи барномаҳои таълимӣ дар химияи органикӣ, пайвастаҳои фаромолекулӣ, курсҳои махсус ва ҳангоми хондани лексияҳо полимерҳо дар факултетҳои химияии донишгоҳҳои олӣ, ҳамчунин методҳои коркардшударо ҳангоми иҷрои корҳои лабораторӣ, навиштани корҳои курсӣ, хатмкунӣ ва диссертатсионӣ, метавонанд мавриди истифода қарор диҳанд.

**Аҳаммияти илмию амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки гидрогелҳои кислотаи акрилат ва акриламидро бо ионҳои металлҳои интиқолии таҳқиқшуда, ҳамчун асос барои аз ионҳои металлҳои вазнин тоза кардани обҳои партовҳои саноатӣ, беҳтар шудани раванди инкишофу афзоиши ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ, баланд шудани сифати маҳсулот, сарфа кардани обу нуриҳои минералӣ ва зоҳир кардани фаъолияти каталитикӣ дар реаксияҳои оксидшавӣ бо сулфиди натрий истифода бурдан мумкин аст.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар автореферати рисолаи Эраҷи Шерали дар мавзуи «Синтез ва таҳқиқи хосиятҳои гидрогелҳои кислотаи акрилат ва акриламид бо баъзе металлҳои интиқолӣ» баъзе камбудиҳо ва ғалатҳои имлоӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар матни автореферат ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ вомехӯранд.
2. Ҳангоми зиёд нигоҳ доштани вақти нигоҳдории гидрогел сабаби кам шудани варамкунии гидрогел мегардад, ба ин раванд кадом омилҳо сабаб мегардад?.

Эродҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назариявию амалии автореферати диссертатсияи Эраҷи Шералиро коста намекунад ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Аз автореферат бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Хулоса, автореферати кори диссертатсионии Эраҷи Шерали дар мавзуи «Синтез ва таҳқиқи хосиятҳои гидрогелҳои кислотаи акрилат ва акриламид бо баъзе металлҳои интиқолӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 1.4.7. Химияи пайвастаҳои фаромолекулӣ пешниҳод шудааст, кори илмии дар зинаи муайян баитмом расида мебошад. Аз ҷиҳати ҳаҷм, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, навоварӣ ба талаботи «Низомнома дар бораи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023 №295 барои рисолаҳои номзадӣ тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он бе шак, сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 1.4.7. Химияи пайвастаҳои фаромолекулӣ мебошад.

Тақриздиҳанда:
номзади илмҳои физ-мат., дотсент, мудири кафедраи
физикаи ҳастаи факултети физикаи ДМТ Авази Мирзо

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, н. Сино, кӯчаи Нахимов,
64\10, ҳуҷраи 410
Тел.: (+992) 985-38-37-00,
E-mail: 03-01-90@mail.ru

Имзои Авази Мирзоро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳои ДМТ Шодихонзода Э.Ш.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, х. Рӯдакӣ 17,
Тел.: (+992-37) 907313304
“_02_” _07_ соли 2026